## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқи мавзуи диссертатсия мубрам буда, дар он баррасии масъалаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии маҳаллии Хатлон пажуҳиш шудааст. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи ҳамаҷонибаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, ба тасвиб расидани як силсила санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ ва амалӣ шудани онҳо ҳамчун василаи муаррифии арзишҳои фарҳангӣ ва таҳкими иқтисоди миллӣ арзёбӣ мешавад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2019-2021 боис гардид, ки ин соҳаҳо бештар рушд намоянд.

Дар татбиқи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар ин самт матбуоти маҳаллии Хатлон низ дар баррасии вазъ ва ҳолати соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инъикоси чорабиниҳо, тадбирҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳа, мушкилот ва дурнамои соҳа нақши назаррас доранд.

Муҳтавои диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии аз руйи ихтисоси **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд.**

Муҳтавои диссертатсия ва таҳлилу арзёбии мавзуъ собит месозад, ки унвонҷӯ ба мақсади гузоштаашудаи худ ноил гардидааст. Зимни пажуҳиши мундариҷавию жанрии маталиби нашрияҳои маҳаллии Хатлон унвонҷӯ муайян намудааст, ки барои инъикоси ин мавзуъ жанрҳои гуногуни

публитсистӣ истифода шуда, ба ғайр аз матну акс дар сомонаҳои нашрияҳо маводи мултимедиявӣ низ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф диссертатсия ва автоферераташро дар сатҳи хуби илмӣ таҳия намуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии андеша муаллифи рисола аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврии маҳаллии Хатлон, осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба публитсистика, журналистикаи сайёҳӣ, ки дар монографияҳо, рисолаҳо, маҷаллаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра гирд оварда шудаанд, ба маврид истифода намудааст.

Унвонҷӯй Расулзода К.Б. дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, дар илми журналистикаи тоҷик нахустин маротиба нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, касбият ва усули инъикоси марбут ба сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилояти Хатлон дар нашрияҳои «Хатлон», «Сафо» бо дарназардошти мазмуну мундариҷа ва сохтори жанрӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Расулзода К.Б. дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус оид ба журналистикаи сайёҳӣ, журналистикаи экологӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултету шуъбаҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, реклама ва PR, ширкатҳои сайёҳӣ ва дар фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма истифода кард.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нишон медиҳад, ки он на танҳо василаи муаррифии мардум ё давлат аст, балки ба рушди хоҷагии халқ мусоидат

намуда, сатҳи некуаҳволии мардумро боло мебарад. Муаррифии мавзеъҳо, минтақаҳои сайёҳии кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, чун як гӯшаи Тоҷикистон, метавонад имиҷи мусбати давлатро дар сатҳи байналмилалӣ ҳифз кунад.

Рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» ба ғайр аз вазифаҳои иттилоотдиҳӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ дар муаррифии имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон, мавзеъҳои таърихию ёдгорӣ, зиёратӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ, масъалагузорӣ доир ба мушкилоти соҳа ва роҳҳои ҳалли онҳо вазифаи сафарбарнамоиро иҷро мекунанд.

Дар нашрияи «Хатлон» инъикоси соҳаи сайёҳии вилоят бештар дар қолаби жанрҳои иттилоотии хабар, репортаж, мусоҳибаву ҳисобот ва жанрҳои таҳлиливу бадеии мухбирномаву мақола, лавҳаву очерки сафарӣ, сафарнома эҷод шуда, корбурди жанрҳои мазкур дар маҷаллаи «Сафо» камтар мушоҳида мешавад. Дар ин маҷалла мавзуи мавриди таҳқиқ асосан дар доираи жанрҳои мақола, лавҳа, очеркҳои портретӣ ва сафарӣ инъикос гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва манобеи истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **11 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Расулзода Компрон Бахтиёрро дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Маҳкамзода Дилором Юнус**

22-уми октябри соли 2024.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи А. Расулов, 42
E-mail: www.dilorom@mail.ru.
Тел: +992 918. 25.95.42.

**Имзои Д.Ю.Маҳкамзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Исозода Т.И.**

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: bgu-1978@mail.ru.
Тел: (+83222) 2-54-81

«31» октябри соли 2024.